*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №107 (2934) | ЧОРШАНБЕ, 22 АВГУСТИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад




## СОМОНАИ ИНТЕРНЕТИИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР ТАҲИЯИ НАВ БА ШАБАКАИ ҶАҲОНӢ БАРОМАД

**14 августи соли 2012 сомонаи интернетии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо суроғаи «president.tj» аз соли 2005 инҷониб фаъол аст, дар таҳияи нав ба шабакаи ҷаҳонӣ баромад.**

Сомонаи нави «president.tj» бо ҷалби беҳтарин барномасозони ватанӣ таҳия шуда, аз шакли пешинаи худ бо тарҳу намои зебою замонавӣ, навтарин барномаҳои сомонасозӣ, имкони ҷустуҷӯ ва зуд дарёфт кардани маводи зарурӣ бо тариқи автоматӣ ва дигар имконоти муосир фарқ мекунад.

Тамоми мавод бо фаврияти баланд бо се забон - тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар сомона ҷойгир карда мешавад.

Дар саҳифаи асосӣ, афзалият, пеш аз ҳама, ба хабарҳои нав дода мешавад. Дар қисмати болоӣ, ҷое, ки пеш аз ҳама ба чашм мерасад, 3 хабари асосӣ, 10 хабари охирин, солномаи ахбор ва маводи охирин аз бахшҳои Суханрониҳо, Барқияҳо, Сӯҳбати телефонӣ бо аксҳо (Фотогаллерея) ва наворҳои видеоӣ пешкаш мешаванд.

Аксҳо бо сифати баланд дар системаи байналмилалии Flickr ҷойгир мешаванд, ки барои рӯзномаю маҷаллаҳо айни муддао мебошад.

Ҳамчунин барои сари вақт огоҳ шудани истифодабарандагони сомона аз хабарҳои охирин дар он системаи RSS насб шудааст, ки омили муҳим барои фавран паҳн шудани маводи тоза мебошад.

Барои осон ва содда намудани дарёфти маводи зарурӣ сомонаи нави интернетии Президенти Тоҷикистон ба бахшҳои гуногун, аз ҷумла Хабарҳо, Вохӯриҳо, Суханрониҳо, Сафарҳои дохилӣ, Сафарҳои хориҷӣ, Фармонҳо, Паёмҳо, Баркияҳо, Сӯҳбатҳои телефонӣ, Аксҳо, Истиқлолият, Конститутсия, Савганд, Ваҳдати миллӣ, Паём, Мулоқот бо зиёиён, Наврӯз, Иди модарон, Иди Рамазон, Иди Қурбон ва ғайра гурӯҳбандӣ шудааст.

Як бахши мустақили сомонаи нав ба сиёсати хориҷии давлати Тоҷикистон бахшида шуда, аз зербахшҳои Созмонҳои байналмилалӣ ва Давлатҳо иборат аст.

Дар ҳар як бахш хабарҳо мутобиқ ба замон ва ҳам макони баргузории чорабиниҳо гурӯҳбандӣ мешаванд, ки барои осон намудани ҷустуҷӯ ва ёфтани мавод пешбинӣ шудааст.

Ҷустуҷӯйи амру фармонҳои Президент ва қарору фармоишҳои Ҳукумат аз рӯйи сана ё рақам роҳандозӣ мешавад.

Саҳифаҳои сомонаи Президенти Тоҷикистон дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба монандии facebook ва twitter сохта шудааст, ки дар онҳо хабарҳои ҳаррӯза бо аксу наворҳо фаврӣ пахш мешаванд. Истифодабарандагони ин шабакаҳо метавонанд бо маводи сомонаи «president.tj» шинос шуда, шарҳу эзоҳ ва ё андешаҳои худро нависанд ва ба дӯстонашон тавсия диҳанд ё барои сомонаҳо ё гурӯҳҳои иҷтимоии худ нусха бигиранд.

Дар қисмати поёни сомона маълумоти умумӣ дар бораи Тоҷикистон, Президент, рамзҳои давлатӣ, санадҳо, Ҳукумат ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд.

«Нома ба Президент» аз бахшҳои муҳими сомонаи нав буда, қисмати поёни он барои таъмини робитаи мустақиму бевоситаи Роҳбари давлат бо истифодабарандагони ин саҳифаи интернетӣ ва умуман мардуми кишвар мебошад.

Барои аз худи сомона фиристодани нома ба Президент нахуст формаи махсусро пур кардан лозим аст, ки иборат аз ному насаб, ҷойи кор, ҷойи истиқомат, E-mail, мавзӯъ ва матни нома мебошад. Дар он, ҳамчунин имкони замима кардани файлҳои иловагӣ пешбинӣ шудааст.

Хулласи калом, сомонаи нави «president.tj» ҳамқадам бо дастовардҳои навтарини технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ буда, дастрасии озоду бемонеа, шаффофият, фаврият ва сабукии корро ба истифодабарандагони худ пешкаш менамояд.

***Дар ин бора ба АМИТ «Ховар» аз Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд***

## МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИПАРЛАМЕНТӢ ҚАНОАТБАХШ АРЗЁБӢ ГАРДИД

**22 августи соли 2012 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Амҷад Ҳусейн В. Сиалро пазироӣ намуд.**


*Суратгир А. ИСОЕВ*

Шукурҷон Зуҳуров Амҷад Ҳусейн В. Сиалро хайра мақдам гуфта, аз сатҳи муносиботи ду кишвар изҳори қаноатмандӣ намуд ва изҳор дошт, ки миёни ҳар ду кишвар як силсила созишномаву санадҳои муҳими ҳамкорӣ ба имзо расида, асоси фаъолияти дуҷонибаро ташкил додаанд. Декларатсияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон аз ҷониби президентҳои ҳар ду кишвар ба имзо расида, сарони ду давлат бо ҳам муносибатҳои неку дӯстона доранд. Сафарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Исломобод ва сафари Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон ба Душанбе дар густариши муносибатҳои тарафҳо нақши муҳим доранд. Муносибатҳои байнипарламентии мо низ ба таври қаноатбахш ҷараён доранд. Дар ҳар ду кишвар Гурӯҳҳои дӯстӣ бо парламентҳои кишварҳои ҳамдигар ташкил дода шудаанд.

- Мо Раиси Парламенти Покистон хонум доктор Фаҳмида Мирзоро расман ба кишвари худ даъват кардаем ва умедворем, ки ӯ дар фурсати муносиб ин сафарро амалӣ хоҳад кард, - гуфт Шукурҷон Зуҳуров.

Вай изҳори боварӣ намуд, ки бо саъю талоши сафир равобити дуҷонибаи миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Покистон дар оянда низ дар сатҳи зарурӣ густариш хоҳад ёфт.

Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Амҷад Ҳусейн В.Сиал бо изҳори сипос аз пазироии самимонаи Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуд, ки тамоми саъю талошашро ҷиҳати ҳар чӣ бештар густариш ёфтани ҳамкориҳои миёни ду кишвар сарф хоҳад намуд. Вай даъватномаи Раиси Парламенти Покистон доктор Фаҳмида Мирзоро ҷиҳати иштироки намояндаҳои Парламенти Тоҷикистон дар Форуми парламентии давлатҳои аъзои Созмони Ҳамгироии Иқтисодӣ (ЭКО), ки 4-5 сентябр дар Исломобод баргузор мегардад, ба Раиси Маҷлиси намояндагон супорид. Тавре маълум аст, ба созмони мазкур даҳ кишвари Осиё, аз ҷумла Тоҷикистон, Покистон, Эрон, Туркия ва дигар кишварҳо шомил буда, ҳадафи фаъолияти он эҳё намудани Роҳи бузурги абрешим аз тариқи Роҳи оҳан мебошад. Ҷиҳати тақвият бахшидан ба фаъолияти созмони мазкур парламентҳои давлатҳои аъзои ин созмон низ созмони парламентии худро ташкил додаанд. Дар Форуми Исломобод оинномаи Соз-мони Ҳамгироии Иқтисодии парламентҳои давлатҳои аъзои ин созмон мавриди баррасӣ ва қабул қарор хоҳад гирифт.

Шукурҷон Зуҳуров даъватро қабул намуда, изҳор дошт, ки намояндагони Парламенти Тоҷикистон дар Форуми мазкур иштирок хоҳанд намуд.

Тарафҳо барои дар оянда ҷиҳати амалӣ намудани муносибатҳои парламентӣ ва ба кишварҳои ҳамдигар сафар намудани ҳайатҳо ва Гурӯҳҳои дӯстӣ ба мувофиқа расиданд.

***М.ҲОТАМОВ,***
***мудири Котиботи роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## МУЛОҚОТИ АМИРШО МИРАЛИЕВ БО ИВ АРНОЛДӢ

**21 августи соли 2012 муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев бо роҳбари намояндагии минтақавии Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх дар Осиёи Марказӣ ҷаноби Ив Арнолдӣ ва ҳайати ҳамроҳони вай мулоқот намуд.**


*Суратгир А. ИСОЕВ*

Дар мулоқот масъалаҳои тақвияти ҳамкориҳои Маҷлиси намояндагон ва вазорату идораҳои даххлдори мамлакат бо ин созмони бонуфузу мададрасони байналмилалӣ ва мусоидати парлумони кишвар барои фароҳам овардани шароити боз ҳам беҳтари равобити байни кумитаи мазкур бо Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Амиршо Миралиев аз фаъолияти густурдаи Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх дар Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуда, чунин таъкид кард: Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх дар ҳамкорӣ бо Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон мавқеи худро қариб дар тамоми минтақаҳои кишвари мо бо мақсади омӯзиши вазъи зиндагии аҳолии минтақаҳо ва тартиби расонидани кӯмак ба сокинони онҳо устувор намудааст.

Мавсуф дар идомаи сӯҳбат таъкид кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беш аз пеш таҳким бахшидани муносибатҳо шароит мавҷуд аст ва заминаи ҳуқуқӣ низ фароҳам оварда шудааст.

Дар сӯҳбат ҳамчунин масъалаҳои сохтмон ва таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии «Норак» ва «Роғун», вазъи сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, таҳкими ҳамкорӣ бо Парлумони Иттиҳоди Аврупо, ҷараёни иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳилоли Аҳмари Ҷумҳурии Тоҷикистон», безараргардонии минаҳо дар минтақаҳои сарҳадӣ, сохтмони кӯпрукҳо байни Тоҷикистону Афғонистон баррасӣ шуданд.

Роҳбари намояндагии минтақавии Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх дар Осиёи Марказӣ ҷаноби Ив Арнолдӣ низ аз сатҳи ҳамкориҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози қаноатмандӣ намуда, хотирнишон сохт, ки ҳанӯз байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх тамоми имконоти мавҷуда мавриди истифода қарор нагирифтаанд ва итминон дорам, ки ин мулоқот ба густариши ҳамкориҳои мо такон мебахшад.

Ҷаноби Ив Арнолдӣ таъкид кард, ки ҳамчун роҳбари намояндагии минтақавии Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх дар Осиёи Марказӣ аз тамоми имконот ва шароит ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода хоҳад кард.

Мавсуф изҳор дошт, ки моҳи октябри соли ҷорӣ бо ташаббуси Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон семинари минтақавӣ баргузор мегардад, ки барои иштирок дар он чор нафар аз кормандони Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон низ даъват шудаанд. Дар назар аст, ки онҳо дар ин семинар дар бораи таҷрибаи ғании худ ҷиҳати безараргардонии минаҳо суханронӣ мекунанд.

Ӯ ҳамчунин изҳор дошт, ки баъди ором шудани вазъ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон кори Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳамкорӣ бо Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон дар минтақаҳои Ишкошим ва Хоруғ таҳким хоҳанд бахшид.

Дар мулоқот ҳамчунин раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Олим Салимзода иштирок дошт.

***Хадамоти матбуоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## БАРҚИЯИ ШОДБОШӢ

**19 августи соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Раисҷумҳури Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ҳомид Карзай барқияи шодбошӣ ирсол намуд, ки дар он омадааст:**

«Ҷалолатмаоб!

Табрикоти самимии маро ба муносибати Иди миллии кишвари дӯст - ҷашни 93-юмин солгарди истирдоди истиқлоли давлатии Афғонистон қабул фармоед.

Муносибатҳои созандаву рушдёбандаи мо дар солҳои охир бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон на фақат дар асоси дуҷониба, балки дар чаҳорчӯбаи равобити бисёрҷониба низ пайгирона густариш меёбанд ва мазмуни амиқтар касб менамоянд.

Итминон дорам, дар марҳилаи кунунӣ, ки татбиқи амалии тасмимоти Конфронси Токио ва лоиҳаҳои дар ҷараёни Конфронси RECCA дар Душанбе пешниҳодшуда оғоз меёбад, ҳамкории наздиктару босамартари Тоҷикистону Афғонистони дӯсту ҳамҷавор сурат хоҳад гирифт. Мо зарурати тақвияти шарикиву ҳамёриро дар масъалаҳои амалӣ сохтани лоиҳаҳои инфрасохторӣ, энержӣ, амнияту тиҷорати наздисарҳадӣ, маорифу тандурустӣ бори дигар таъкид менамоем ва омода ҳастем дар ин замина талоши пайваста намоем.

Мусаллам аст, ки густариши равобити дӯстона ва ҳамкориҳои муфиди гуногунҷанба байни Тоҷикистон ва Афғонистон омили муҳими амну субот ва рушди устувори минтақа буда, бешак, ҷавобгӯйи манофеи олии ду кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанг буд, ҳаст ва хоҳад монд.

Дар ин рӯзи муборaку фархунда ба Ҷалолатмаоб тансиҳатӣ ва комёбиву пирӯзиҳои ҷадид орзу намуда, ба мардуми дӯсту бародари Афғонистон сулҳу амонӣ, хотири ҷамъ ва саодату шукуфоӣ таманно дорам».

***Дар ин бора ба АМИТ «Ховар» аз Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд***

## Ҳ. ЗАРИФӢ: «ТОҶИКИСТОН ФОҶИАИ МУСАЛМОНОНИ МЯНМАРО ҚОТЕЪОНА МАҲКУМ МЕКУНАД»

- 13 августи соли ҷорӣ дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ нишасти ғайринавбатии вазирони корҳои хориҷии кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Исломӣ доир гашт. Дар нишаст ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии вазири корҳои хориҷии кишвар Ҳ.Зарифӣ ширкат намуд. Зимни суханронии худ вазир дар баёни масоили мавриди баррасӣ мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро чунин иброз дошт: «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи ҷавҳарии олами исломӣ мавқеъи Фаластинро комилан дастгирӣ менамояд ва фоҷиаи мусалмонони Мянмаро қотеъона маҳкум мекунад».

Роҷеъ ба мавзӯи Сурия ҷониби Тоҷикистон таъкид дошт, ки бӯҳрони Сурия бояд бе дахолати хориҷӣ ба корҳои дохилии ин кишвар аз ҷониби мардуми Сурия ҳалли худро пайдо намояд. Намояндаи баландпояи Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора намуд, ки нақшаи тарҳрезишудаи намояндаи собиқи муншии Созмони Милали Муттаҳид ва Лигаи давлатҳои араб дар масоили Сурия Кофе Ананро нахустқадам барои ҳалли қазияи ин кишвар медонад ва дар ин раванд ҷомеаи ҷаҳониро ба он даъват менамояд, то ҷонибҳои даргири низоъро ба ин иқдом водор намоянд ва кафолати ҳаёти ҳар як шаҳрванди Сурия таъмин карда шавад.

Ёдовар мешавем, ки нишасти ғайринавбатии сарони кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Исломӣ дар шаҳри Макка ду рӯз идома меёбад ва дар ин нишаст Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазири корҳои хориҷӣ намояндагӣ мекунад.

Дар ин бора аз Вазорати корҳои хориҷии кишвар иттилоъ доданд.

***АМИТ «Ховар»***

**●Дар партави Паёми Президент**

## РАВОБИТИ ДӮСТОНАЮ БЕҒАРАЗ БАР МАНФИАТИ ЯКДИГАРАНД

Дар оғози Паёми имсолаи хеш Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон бо таҳлилҳои хеле дақиқ раванди рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакатро баён карда, изҳор дошт, ки рушди босуботи давлати мо асосан аз солҳои 2000-ум, яъне баъд аз пурра таъмин гардидани оромии сиёсӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар, оғоз гардидааст.

Дар ҳақиқат, он давлате, ки аз ҷиҳати сиёсӣ ором аст ва волоияти қонун дар ҷомеа таъмин карда мешавад, сокинонаш метавонанд бо меҳнати бунёдкоронаю созандаи хеш сатҳу сифати зиндагиашонро баланд бардоранд.

Дар Паёми Роҳбари давлат ҳангоми баёни самтҳои асосии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши рушди иҷтимоӣ, аз 1 сентябри соли равон ба андозаи аз 30 то 60 фоиз баланд бардоштани музди меҳнати кормандони муассисаҳои буҷетӣ, то 2,5 баробар зиёд намудани музди меҳнати ҳадди ақал (ба ҷойи 80 сомонии алҳол амалкунанда, музди меҳнати ҳадди ақал дар ҷумҳурӣ ба 200 сомонӣ баробар карда хоҳад шуд), то ба 150 сомонӣ баробар намудани нафақаи камтарини шаҳрвандоне, ки бо собиқаи пурраи корӣ ба нафақа баромадаанд, зиёд намудани идрорпулиҳо ва дигар дастгириҳои молиявию иҷтимоии давлат баҳри рушди босуботи иқтисоди кишвар зикр гардидааст ва он боиси хушнудии қишри васеи сокинони мамлакат гардид.

Ҷоизи зикр аст, ки мурочиати Сардори давлат ба кулли сокинони мамлакат бо мақсади баланд бардоштани ифтихори миллӣ, фидокоронаю аҳлона заҳмат кашидан ҷиҳати ҳалли мушкилоти муваққатии алҳол ҷойдошта, аз даст надодани зиракии сиёсӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ва тарбияи ҷавонони кишвар дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ хеле саривақтӣ ва яке аз ҷиҳатҳои фарқкунандаи Паёми имсола мебошад.

Роҳбари давлат мунтазам таъкид месозанд, ки ҷавонон қувваи бузург ва неруи оянасози давлати мо мебошанд. Насли ҷавони кишвар бояд аз хизматҳои неки бузургони миллати хеш огоҳ бошад ва нисбати фардҳое, ки барои давлату халқ содиқона хизмат карданд, ҳамеша ғамхор бошанд, панду насиҳатҳои шахсони таҷрибаи бойи ҳаётидоштаро дар кору зиндагии хеш босамар истифода баранд, масъулиятшиносию таҳаммулпазириро аз насли калонсол омӯзанд.

Дар Паёми худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон доир ба самтҳои сиёсати хориҷии давлат сухан ронда, ақидаҳои хешро бобати тақвият бахшидани муносибатҳои дӯстона бо тамоми кишварҳо, алалхусус давлатҳои Осиёи Миёна, хеле хуб баён карданд.

Дар ҳақиқат, рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии тамоми мамлакатҳоро ҳангоми равобити гуногунҷабҳаи наздики некхоҳона доштани ҳамсоядавлатҳо таъмин кардан мумкин аст.

Ҳангоме ки дар ин самтҳо Роҳбари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон бо як эҳсосоти дӯстпарварона сухан мегуфтанд, ба хотирам муносибатҳои неки ҳамсоягии Тоҷикистону Ӯзбекистон дар солҳои 70-80-уми асри гузашта омад, ки он тавассути сиёсати дурбинонаи роҳбарони сиёсии он даврaҳо амалӣ гардида буд.

Ёд дорам нақли шоҳидони бевоситаи гуфтаҳои зеринро, ки солҳои 70-уми асри гузашта, собиқ котиби якуми Ҳизби коммунисти Ӯзбекистон марҳум Шароф Рашидов ҳангоми бозгашти худ аз вилояти Ҷиззахи кишварашон, ба осоишгоҳи «Ҳавотоғ»-и ноҳияи Ӯротеппа (ҳоло Истаравшан) омада (дар ин минтақа табобатгоҳи физиотерапевтии Корхонаи роҳи оҳани Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ фаъолият дошт), аз роҳбарони аввали ноҳияҳои сарҳадии ҳамроҳашонбуда мепурсанд, ки оё роҳбарияти шаҳри Ӯротеппаро аз наздик мешиносанд ва бо онҳо равобити дӯстӣ доранд?

Дар мавриди аз тарафи ҳамроҳонашон шунидани ҷавоби рад (яъне, надоштани мукотибаҳо), ба ҳамаи онҳо дастур медиҳанд, ки бо роҳбарони аввали шаҳр, хоҷагиҳою корхонаҳои калон аз наздик шинос шуда, бо ҳамдигар ҳамкориҳои тарафайнро барқарор карда, тӯли як ҳафта ба роҳбарияти ҷумҳурӣ ахборот диҳанд.

Натиҷаи танҳо як тавсияи хирадмандонаи ин роҳбари давлати ҳамсояи мо буд, ки тамоми фаъолони шаҳри Ӯротеппа ва дигар ноҳияҳои сарҳадии вилояти Ленинобод (Суғд) бо ҳамтоёни хеш дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дӯстию бародарӣ доштанд, алоқаҳои иқтисодии ба ҳамдигар фоидаоварро густариш дода, дар мавридҳои мушкил ба якдигар дасти кӯмак дароз мекарданд.

Камина он солҳо дар вазифаи сардори шӯъбаи молияи шаҳри Ӯротеппа кор мекардам ва шоҳиди бевоситаи ин гуфтаҳо будам.

Магар дар шароити соҳибистиқлол гардидани давлатҳо, ба муносибатҳои бозорӣ гузаштани минтақаю давлатҳои алоҳида, амалӣ гардонидани муносибатҳои беғаразонаи дӯстии байни халқҳо ба мо зарар дорад?

Оё аз ҳалли муаммоҳои иқтисодию иҷтимоии кишвари мо, рушди босуботи соҳаҳои хоҷагии халқи давлати тоҷикон, ҳамсоягони мо ягон зарари моддию молиявӣ мебинанд?

Агар тамоми давлатҳои Осиёи Миёна равобити дӯстию иқтисодии худро мисли муносибатҳои давлатҳои Аврупо сабук гардонанд, ба халқҳои ин кишварҳо зарар мерасад ё ягон хатаре ба амал меояд?

Албатта, не, баръакс, иқтидорҳои дар ин минтақа мавҷуда самаранoктар истифода мешаванд.

Тақвият бахшидан ба корҳои сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» ин зарурати айём буд ва тамоми мардуми Тоҷикистон ин сиёсати оқилонаи Роҳбари давлат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро барои он ҳаматарафа дастгирӣ менамоянд, ки фарзандону наберагони худро аз мушкилот тезтар раҳоӣ диҳанд.

Паёми имсолаи Сардори давлатамонро роҳнамои оянадасоз ҳисобидан мумкин аст, ки бо мақсади тақвият додани ободонию созандагӣ дар мамлакат ба истиқболи ҷашнҳои 15 - солагии Иди Ваҳдати миллӣ ва 20 - солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ гардонидани ҳадафҳои стратегии Давлату Ҳукумат ва баланд бардоштани обрую нуфузи давлати тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат хоҳад намуд.

***Карамулло ОДИЛОВ,***
***Корманди шоистаи Тоҷикистон***

●Ба истиқболи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАСРИ «АРБОБ» БА ҶАШН ОМОДА МЕШАВАД



Имрӯзҳо дар Қасри «Арбоб»-и хоҷагии ҷамоавии ба номи Саидхоҷа Ӯрунхоҷаеви ноҳияи Бобоҷон Ғафуров корҳои таъмирию таҷдидӣ босуръат идома доранд ва тибқи нақшаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-уми ноябри соли равон дар ин ҷо 20- солагии Иҷлосияи XV1 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ботантана таҷлил карда мешавад. Раиси Ҷамоати деҳоти «Унҷи»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Норхӯҷа Додохоҷаев тариқи телефонӣ ба мо гуфт, ки корҳои таъмирии Қасри «Арбоб»-и ба номи Саидхоҷа Ӯрунхоҷаеви ноҳияи Бобоҷон Ғафуров моҳи сентябри соли 2011 оғоз шуда, дар ҳоли анҷомёбӣ қарор дорад. Фармоишгари иншоот Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва лоиҳакаши иншоот ҶДММ «Суғдшаҳрофар» буда, паймонкори асосиаш ҶДММ «Раҳмониён» мебошад. То ин дам қаср пурра аз нав болопӯш шуда, иваз намудани қубурҳои обтаъминкунӣ, обгузар ва фавворахо пурра ба анҷом расидаанд. Толорҳои ҳунармандони халқӣ ва калон гаҷкорию наққошӣ шуда истодааст. Корҳои ободонӣ, кабудизоркунӣ ва гулу гулзоркунии атрофи қаср дар арафаи анҷомёбист, ҳамчунин корҳои таъмиру рангуборкунии қисми пеши бино низ ба охир расида истодаанд. Бо сангҳои мармар ва ороишӣ оро додани иншоот идома дорад. Умуман, кор дар ҳамаи самтҳо босуръат давом дорад. Кормандони фаъоли ҶДММ «Раҳмониён»-рассом -ороишгар Ҳайдарҷон Раҳматов, аъзои Академияи рассомони Тоҷикистон Абдураҳим Ҷабборов, Раҳматҷон Раҳматов, сармуҳандис Толибҷон Сангинов, устои калон Равшанҷон Валиев, сангтарош Ғуломҷон Ҳакимов ва бисёр дигарон дар кори босифат анҷом ёфтани таъмиру таҷдид саҳми босазо мегузоранд.

Дар шафати қаср чойхонаи боҳашамати миллӣ иборат аз таҳхона ва ду қабати болоӣ, ки толорҳои асосӣ, барои қабули меҳмонон, толори гуфтушунид, ҳуҷраи фарҳангӣ, пешайвонҳои баҳорона ва ошхона дорад, ба тариқи санъати меъмории қадимаи миллӣ бунёд ёфта истодааст. Он барои 1200 ҷойи нишаст пешбинӣ шуда, бо намуди дилрабои хеш ба қасри номдор ҳусни тоза зам хоҳад намуд. Фармоишгари иншоот Идораи сохтмони асосии вилояти Суғд буда, паймонкории асосиро ҶДММ «Евростройсервис» ба уҳда гирифтааст. Бино ба гуфти сармуҳандиси ҶДММ «Евростройсервис» Абдурасул Абдуллоев дар ин ҷо зиёда аз 500 нафар коргарон, ҳунармандони чирадасти шаҳру ноҳияҳои Хуҷанду Исфара ва Бобоҷон Ғафуров меҳнат карда истодаанд. Интизор меравад, ки қасри мазкур то охири моҳи сентябри соли равон пурра омода мешавад.

***Ҳ. НАЗРУЛЛО,***
***«Садои мардум»***

●Ба истиқболи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон

# Истиқлоли давлатӣ ва қонуният

Тоҷикистон аз қадамҳои нахустини худ ба сифати кишвари мустақил дар роҳи қабули қонунҳо ва татбиқи он дар ҳаёт ҳамарӯза кӯшишҳои назаррас ба харҷ додааст. Пеш аз ҳама қабули қонунҳои муҳим бо роҳи раъйдиҳӣ аз тарафи мардум шурӯъ шуд. Баъдан, ҳангоми қабули чунин қонунҳо, фикру андешаҳои мардум, таклифу пешниҳодоти онҳо ба назари эътибор гирифта мешаванд. Ин тарзи қабули қонунҳо хоси ҷомеаи демократӣ аст.

Дар баробари муайян намудани сохти давлатдорӣ меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эҳтироми инсон ва эътирофу таъмини ҳуқуқу озодиҳои ӯ нигаронида шуд.

Ҷомеаи демократиро бе қонунҳои ҷавобгӯйи талаботи меъёрҳои пазируфтаи умумибашарӣ тасаввур кардан номумкин аст. Зеро қонун танзимкунандаи ҳаёти ҷомеа ба шумор меравад.

Дар даврони Истиқлол зиёда аз ҳазору чорсад қонуни мукаммалу такмилбахши қонунҳои амалкунанда таҳия ва қабул карда шуданд, ки нақши онҳо махсусан дар даврони ноҷӯриҳои сиёсию иқтисодии кишвар хеле муҳиму назаррас буд. Махсусан пас аз қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти даҳлдори давлатӣ кӯшиш ба харҷ доданд, ки қонунҳои амалкунанда ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ бошанд.

Бо назардошти манофеи миллию давлатӣ шумораи зиёди санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ аз тарафи Тоҷикистон пазируфта, мавриди иҷро қарор дода шуданд. Ин санадҳои байналмилалии пазируфташуда чун ҷузъи комили қонунгузории Тоҷикистон барои танзими муносиботи дохилию хориҷии кишвари мо аҳамияти калон доранд.

Таҳияву қабули қонун заҳмати сангин аст. Пеш аз ҳама хиради баланд, тафаккур ва таҷрибаву дониши амиқ, ҳамзамон маҳорату истеъдоди хоса меҳоҳад. Дар таҳияи он мутахассисони беҳтарин бояд ҷалб карда шаванд. Дар Парламенти кишвар, пеш аз ҳама, бояд чунин мутахассисону донишмандон фаъолият кунанд ва дар асл чунин ҳам ҳаст.

Бо ин мақсад Парламенти даврӣ ба Парламенти доимамалкунанда ва касбӣ табдил дода шуд. Чанд даъвати охир ва даъвати феълӣ дар Парламент мутахассисони варзидаи соҳаҳои гуногуни ҳаёт, махсусан ҳуқуқшиносони собиқадор кору фаъолият мекунанд. Лоиҳаҳои пешниҳодгардидаи қонун бо тартиби муқарраршуда пас аз қайду номнавис шудан бо супориши Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон бо иштироки намояндагони субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва намояндагони вазорату идораҳои даҳлдор, мутахассисони соҳа мавриди омӯзиш ва муҳокимаи ҳаматарафа қарор гирифта, баъдан ба Шӯрои Маҷлиси намояндагон ва аз он ҷо ба Иҷлосияи Маҷлиси намояндагон барои баррасӣ ва қабул пешниҳод мегарданд. Ба ҷуз аз қонуни авф ва буҷети давлатӣ ҳамаи қонунҳо пас аз қабул ба таври ёдрасшуда аз тарафи Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ ва барои имзо ба Президенти кишвар пешниҳод мешаванд. Пас аз имзо дар нашриёҳои расмӣ ба нашр мерасанд.

> ***«Қонун бояд, пеш аз ҳама, ба ҳифзу ҳимояи инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ равона карда шавад, мавқеи шахсро дар ҷомеа мустаҳкам намояд ва барои истифодаи неруи модиву маънавии вай, зиндагии осуда ва озоду шоистаи шаҳрвандон дар ҷомеа мусоидат намуда, ташкили фазои мӯътадили соҳибкорӣ ва фаъолияти муназзами мақомоти давлатӣ, корхонаҳо ва ташкилоту муассисаҳо замина гузорад».***
>
> ***(Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012)***

Бояд зикр кард, ки дар Маҷлиси миллӣ низ қонунҳо пеш аз баррасӣ дар иҷлосия аз тарафи кумитаҳо ва баъдан дар Шӯрои Маҷлиси миллӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Ин хусусиятҳои муҳим дар даврaҳои таҳия, қабул, ҷонибдорӣ ва ба имзо расидани қонун ба назар гирифта мешавад. Дар акси ҳол дар даврaҳои номбурда ин қонунҳо дастгирӣ намеёбанд.

Қонун барои зиндагии шоистаю арзанда ва амалӣ намудани ҳунару истеъдод ба инсон ҳуқуқ ва шароити васеъ фароҳам овардааст, ки дар давлатҳои ғайридемократӣ кам ба чашм мерасад. Дар баробари ин, барои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ қонун монеаҳо эҷод кардааст.

Баъдан барои вайрон кардани муқаррароти зиндагӣ қонун ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ, интизомӣ ва граждании ё моддиро пешбинӣ менамояд. Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳатто дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати якумра муқаррар карда шудааст.

Шарти муҳими қонун дар он аст, ки ба ғайр аз комилу пухта ва хубу ҷавобгӯ ба талабот будан, бояд бемамониат амиқу дақиқ иҷро гардад.

Дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти асосии кишвар ва салоҳияту ваколатҳои умдаи онҳо акси худро ёфтаанд. Дар ин радиф тавассути қонунҳо ва дигар асноди ҳуқуқӣ дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ таъсис дода шудаанд. Тавассути Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо мақомоти прокуратура ҳамчун нозири умумӣ эътироф гардидааст. Салоҳияти он ба таври умум бо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои марбута муайян шудааст.

Мақомоти судӣ тибқи Сарқонуни кишвар шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф гардидааст ва дар татбиқи қонун нақши хеле муҳиму муассир дорад. Судҳои ҷумҳурӣ дар мустаҳкамӣ ва пойдории давлати демократию ҳуқуқбунёд, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, оромию сулҳу субот, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкиму пойдории истиқлолияти давлатӣ бо роҳи қабули асноди қонунии судӣ саҳмгузор буда, дар таъмини волоияти қонун, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, терроризми байналхалқӣ, экстремизми сиёсию динӣ ва таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар корҳои лозимаро анҷом медиҳад. Адолати судиро ба амал мебарорад.

Ҳамзамон мақомоти судӣ дар самти баланд бардоштани сатҳи маърифат ва тарбияи ҳуқуқии мардум нақши назаррас дорад, зеро таъмини волоияти қонун, иҷрою амалӣ шудани он, пеш аз ҳама, ба маърифати ҳуқуқии аҳолии мамлакат сахт вобаста аст. Барои чунин корҳо аз роҳи маҷлисҳои сайёри судӣ, махсусан ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ васеъ истифода бурда мешавад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар таҳия ва қабули қонунҳо, пеш аз ҳама, нақши мардуми Тоҷикистон, Президенти кишвар, Парламент ва дигар субъектҳои қонунгузор хеле назаррас мебошад. Иштироки васеи мардум дар таҳия ва муҳокимаи лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» далели ин гуфтаҳо шуда метавонад.

Хусусан ташаббуси Президенти кишвар бо истифода аз ҳуқуқи конститутсионии худ ҷиҳати таҳия ва қабули қонунҳои муҳиму дархӯри манофеи миллату меҳан пайваста ба назар мерасад. Гузашта аз ин, ҳангоми сӯҳбату воҳӯриҳо бо мардум дар баробари масоили ҳамарӯза, дар боби мазмуну моҳияти қонунҳои амалкунанда, аҳамияти риояю иҷрои онҳо ибрози ақида мекунанд. Ҳангоми таҳияю пешниҳоди лоиҳаҳои қонунҳо аз таклифу пешниҳодоти мардум ба таври васеъ ва самаранок истифода менамоянд. Одамонро ба роҳу равиши нави зиндагӣ, баланд бардоштани тафаккури сиёсӣ, эҳсоси худогоҳӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинӣ ва азизу муқаддас донистани давлати тоҷикон ва рамзҳои он, ҳифзи истиқлолият ва таъмини якпорчагии кишвар ва рушду нумуи он ҳидоят мекунанд. Ва моҳияту рисолати қонун низ аз ҳамин иборат аст.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997 таҳти №691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарору барномаҳои ҳукуматӣ ҷиҳати таъмини иҷрои он дар самти ҳидояти мардум вобаста ба баланд кардани савияи дониши ҳуқуқӣ ва эҳтирому риояи қонун хеле назаррас аст.

Мақомоти давлатӣ ва сокинони кишварро зарур аст, ки дастовардҳои даврони истиқлолият ва Ваҳдати миллиро муқаддас ҳисобида, бо сипосгузорӣ аз зиндагии хубу осоишта дар таъмини риояи қонун пешдаст бошанд ва кору фаъолияти худро дар ин самт ҷоннок намоянд. Эҳтироми қонунро ба ҷо оранд ва дар доираи он зиндагӣ карданро пешаи худ созанд. Амалӣ намудани ин ва дигар тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати таъмини волоияти қонун ба мо имкон медиҳад, ки дар таҳкими ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд марҳила ба марҳила қадамҳои устувор гузорем ва истиқлолияти давлатиро комилан ҳифз намоем, зеро Истиқлолият ва қонуният бо ҳам тавъаманд.

***С. ШОНАЗАРОВ,***
***ҳуқуқшинос,***
***Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3***

## МАШҒУЛИЯТҲОИ ШАВҚОВАРУ ЭҶОДӢ ДАР «ЗИМЧУРУД»

**ДУШАНБЕ, 22 август. (АМИТ «Ховар», Музаффар РУСТАМОВ).** - Аз 21 то 26-уми августи соли 2012 мактаббачагони лаёқатманд дар мавзеи хушманзараи истироҳатгоҳи «Зимчуруд» бо лагери фароғатию омӯзишӣ фаро гирифта мешаванд. Дар лагер 120 нафар хонанда истироҳат мекунанд. Масъули баргузории чунин шакли фароғатгоҳ Муассисаи давлатии «Маркази рушди истеъдодҳо»-и Раёсати маорифи шаҳри Душанбе мебошад. «Маркази рушди истеъдодҳо» соли чорум аст, ки лагерҳои фароғатию омӯзиширо ташкил мекунад.

Мақсади гузаронидани чунин лагер фаро гирифтани мактаббачагони лаёқатманд дар давраи тобистон ва тавассути истироҳат дар манзараҳои хушҳавову бароҳати дараи Варзоб ҳамзамон ба машғулиятҳои шавқовару эҷодӣ ҷалб намудани онҳо мебошад.

## АРМУҒОН БА СОЛИ НАВИ ТАҲСИЛ

**ИСФАРА, 22 август.(АМИТ «Ховар», Мирзалӣ АМОНОВ).**-Соли нави хонишро 240 нафар толибилми деҳаи Сурхи шаҳри Исфара дар мактаби нав оғоз менамоянд. Дар маркази деҳа сохтмони мактаби нави дуошёна ба охир мерасад. Бинокорони «Ширкати сохтмони Исфара» васлу насби хати барқ ва корҳои ободонии ҳудуди мактабро анҷом медиҳанд.

Мактаби нав аз буҷети вилоят дар ҳаҷми 1 миллиону 300 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ шуда, ба ҷуз ҳашт синфхона, инчунин дорои синфи компютерӣ, устохонаи дуредгарӣ, устохонаи дӯзандагӣ, китобхона ва дигар иншооти ёрирасони таълимист.

## ТАВАҶҶУҲИ «CHANDHA POWER» БА ГИДРОЭНЕРГЕТИКАИ ТОҶИКИСТОН

Масоили ҳамкории иқтисодӣ ва татбиқи лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ширкати «Chandha Power» 17 август зимни мулоқоти муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Давлатзод бо раиси Ширкати «Chandha Power»-и Ҷумҳурии Ҳиндустон Синил Чадҳа ва ноиби ӯ Юврач Ванту баррасӣ гардид.

Ёдовар мешавем, ки аз соли 1993 инҷониб миёни Ҷум-ҳурии Тоҷикистону Ҳиндустон созишномаҳо ба имзо расидаанд, ки ҷиҳати рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногуни иқтисод ва илму фарҳанг асоси ҳуқуқию шартномавӣ ба ҳисоб мераванд.

***Бекназари АБӮБАКР,***
***АМИТ «Ховар»***



Маҷмааи хонаҳои «Пойтахт-80»



Душанбе-Плаза

## Меваҳои истиқлол



Маркази равобити Пойтахт

Суратҳои Аҳлиддин ИСОЕВ

●Шарҳи мо

# НАҚШИ НОЗИРОТИ МИНТАҚАВӢ БАЛАНД МЕГАРДАД

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 30 июни соли 2012 таҳти №1291 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани нақши нозирони минтақавии милитсия дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва тавсеаи ҳамкории онҳо бо аҳолӣ» қабул гардид. Вобаста ба ҷараёни татбиқи фармони мазкур ва вазифаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар робита бо он сардори шӯъбаи роҳбарии нозирони минтақавии Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон полковники милитсия Хайриддин Садриддинов ба саволҳои хабарнигори рӯзнома посух дод.**

**- Дар асоси фармони мазкур ҷиҳати беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти нозирони минтақавии милитсия мақомоти корҳои дохилӣ чӣ тадбирҳоро бояд амалӣ намоянд?**

- Нозирони минтақавии милитсия ҷиҳати пешгирӣ ва ошкор намудани амалҳои ҷиноятӣ дар сафи пеши мубориза буда, бо аҳолӣ бевосита робитаи зич доранд. Фармони мазкур маҳз барои беҳтар намудан ва баланд бардоштани нақши нозирони минтақавии милитсия, аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ҳар чӣ бештар дастгирӣ ёфтан, боз ҳам хубтар гардондани шароити кори онҳо қабул гардидааст.

Давоми 20 соли Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон сатҳи зиндагии мардум рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Ҳамзамон дар ин муддат шумораи аҳолии кишвар низ афзоиш ёфт. Вобаста ба ин, вазифа ва ваколати кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, аз ҷумла нозирони минтақавӣ ҳам дигаргуниро тақозо менамояд.

Аз ҷумла мутобиқи фармони мазкур вазифаи сардори минтақаи хизматии милитсия (феълан сарнозир) ташкил дода мешавад.

Ба Вазорати корҳои дохилӣ супориш дода шудааст, ки Низомномаи нозирони минтақавии милитсия ва уҳдадориҳои вазифаи сардори минтақаи хизматии милитсияро омода намояд.

**- Ташкили воҳидҳои кории нозирони минтақавӣ мутобиқи фармони мазкур чӣ гуна сурат мегирад?**

- Мувофиқи Дастурамали Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти нозирони минтақавиро ба танзим медарорад, ба ҳар нозир дар шаҳрҳо бояд аз 3,5 то 4 ҳазор ва қишлоқҷойҳо то 8 ҳазор аҳолӣ вобаста шавад.



Айни замон ба ҳар нозири минтақавии милитсия аз 13 то 15 ҳазор аҳолӣ рост меояд. Дар чунин ҳолат онҳо барои иҷрои ҳатмии вазифаи худ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ имкон надоранд.

Дар Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ таъсис дода шудааст. Он масъалаи зиёд намудани воҳидҳои кории нозирони минтақавиро вобаста ба шумораи аҳолӣ ҳамаҷониба таҳлил менамояд.

Ҳамзамон масъулияти нозирони минтақавӣ баланд бардошта мешавад. Тавре дар фармони мазкур омадааст, минбаъд сардори минтақаи хизматии милитсия ҳар сол дар ҷаласаҳои вакилони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва ҷамъомади сокинони минтақаҳо ҳисобот медиҳанд.

Бо мақсади мустаҳкам намудани алоқаи зич байни мақомоти корҳои дохилӣ ва ҷомеа, баланд бардоштани сатҳи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва мубориза бар зидди ҷиноятҳорӣ дар минтақаҳои хизматӣ Шӯрои ҷамъиятӣ таъсис дода мешавад.

Ба беҳтар гаштани шароити зиндагӣ ва фаъолияти нозирони минтақавии милитсия низ диққати асосӣ дода мешавад. Бо мақсади сари вақт ҳал намудани арзу шикояти шаҳрвандон, анҷом додани корҳои фаврӣ ҷиҳати пешгирӣ ва ошкор намудани амалҳои ҷиноятӣ онҳо бо нақлиёт ва дигар воситаҳои техникӣ таъмин мегарданд. Дар ин хусус мувофиқи фармони мазкур мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда шудаанд.

**- Доир ба фаъолияти имрӯзаи нозирони минтақавии милитсия каме маълумот медодед?**

- Дар ҷумҳурӣ 945 нафар нозирони минтақавии милитсия фаъолият мекунанд. Дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ саҳми онҳо бағоят калон аст. Бевосита аз ҷониби нозирони минтақавии милитсия дар шаш моҳи соли равон 1678 ҷиноят ошкор карда шудааст. Дар ҳамкорӣ бо дигар бахшҳои мақомоти корҳои дохилӣ 1626 ҷиноят ошкор гардид, ки нисбат ба соли гузашта 36 ҷиноят зиёд мебошад.

Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ зиёд ба қайд гирифта шудани ҷиноят (481 адад) ва аз ҷониби шахсони доғи судидошта содир гаштани амалҳои ҷиноӣ (982 адад) моро водор месозад, ки дар самти мубориза алайҳи қонунвайронкуниҳо фаъолияти бештару самаровар дошта бошем.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

# ИСТИҚБОЛИ МУШТЗАНИ ЧАКАНПӮШ ВА ТАҚДИМИ ХОНАИ ПАНҶҲУҶРАДОР

Дар майдони Исмоили Сомонии шаҳри Қӯрғонтеппа, соҳиби медали биринҷии Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон-2012 Мавзуна Чориеваро сокинони маркази вилояти Хатлон ба таври хушу тантанавӣ истикбол гирифтанд. Раиси вилояти Хатлон Ғайбулло Авзалов дар назди истиқболгирандагон суханронӣ карда, аз ҳунарнамоии муштзандухтари хатлонӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, ба ӯ 20 ҳазор сомонӣ мукофоти муқарраркардаи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлонро супорида, ба фаъолияти варзишии Мавзуна барору комёбиҳо орзу намуданд. Соҳибкор Нусратулло Файзуллоев натиҷаи ҳунарнамоии М. Чориеваро бо 25 ҳазор сомонӣ қадр карданд.

Сипас, Мавзуна Чориева дар назди истиқболгирандагон ба сухан баромада, ба онҳо барои дар чунин сатҳ истикбол гирифтану қадршиносӣ ёфтанаш изҳори миннатдорӣ намуданд. Аз ҷониби ташкилоту муассисаҳои вилоятӣ низ тӯҳфаҳову мукофотҳо тақдим гардид.

Баъди анҷоми ҷамъомади тантанавӣ Мавзуна Чориева роҳи зодгоҳи азизаш - шаҳри Кӯлобро пеш гирифт Дар даромадгоҳи қисмати ҷанубии шаҳр фаъолон, мухлисон, хешу ақрабо, устодону ҳамсинфон ва дар маҷмӯъ онҳое, ки барояшон варзиш азизу муқаддас аст, бо расму шиорҳои зиёд, гулу гулдастаҳои тару тоза ва мутрибон бошанд, бо суруду садои дафу сурнай ба истиқболи шарафмандгаштаи медали биринҷии Бозиҳои XXX олимпии тобистонаи Лондон-2012 Мавзуна Чориева баромада, муштзани чаканпӯшро дар сатҳи баланд пешвоз гирифтанд. Сипас, Мавзуна рӯйи мошини хуб ороодаи болокушода баромада, то расидан ба Маҷмааи 2700- солагии Кӯлоб ба сокинони ба хиёбону сари кӯчаҳо баромадаи шаҳр, дар ҷавоб ба қадршиносию эҳтироми онҳо, даст болои дил гузошта дастафшонӣ намуданд.



Дар майдони назди Маҷмааи 2700-солагии Кӯлоб раиси шаҳр Абдуғаффор Раҳмонов назди анбӯҳи истиқболгирандагон бо сухани табрикӣ баромада, бо қаноатмандӣ изҳор намуданд, ки дастоварди олимпии Мавзуна на ин ки ифтихори сокинони шаҳри бостонии Кӯлоб, балки ифтихору сарбаландии тамоми мардуми кишвари азиз аст. Дастоварди олимпии Мавзуна Чориева собит намуд, ки шахс, сарфи назар аз синну сол ва ҷинс, метавонад тавассути заҳмати софдилона соҳиби ҳама гуна обруву иззат ва сатҳи хуби зиндагӣ гардад.Акнун боварӣ дорам, ки аз ин пас ҷавондухтарони зиёди Кӯлоб пешаи Мавзунаро дастгирию пайравӣ хоҳанд кард,- таъкид намуданд дар идомаи суханронии хеш раиси шаҳр. Дар анҷоми сухани табрикии хеш раиси шаҳр А. Раҳмонов изҳор намуданд, ки аллакай бо дастгирии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб, хонаи падарии Мавзуна Чориева дар як муддати кӯтоҳ дар ҳаҷми 40000 сомонӣ таъмиру таҷдид гашта, дар баробари ин ҷоиз донистем, ки дар маркази шаҳр ба ин қаҳрамони олимпӣ, хонаи панҷҳуҷрадор бо 8 сотих замини наздиҳавлигӣ ва бо муҳайё намудани тамоми ҷиҳозу асбоби зиндагӣ тақдим намоем.

Мавзуна дар посух ба суханони табрикии шаҳрдор изҳор намуданд, ки сазовор шудан ба медали биринҷии Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон-2012, акнун ин танҳо ибтидои дастовардҳои варзишии ӯст, ки тавассути ифтихор аз Ватану халқи азиз, ба он шарафёб гаштаанд.

-Акнун барои расидан ба қуллаҳои баланди мурод, омодагӣ мегирам ва боварӣ дорам, ки бо ҳунари хеш Парчами Ватанро дар мусобиқаҳои оянда боз ҳам баландтар меафрозам,- бо шукргузорӣ аз истиқболи намунавии сокинони шаҳр таъкид намуд Мавзуна Чориева.

***Т.ФАЙЗАЛӢ,***
***«Садои мардум»***

# САЪЮ ТАЛОШ БАҲРИ РАВНАҚИ ФАЪОЛИЯТ АСТ



**Чанде пеш мудири шӯъбаи фарҳанги Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт Диловари Мирзо бо сафари хидматӣ дар пойтахт буд. Аз фурсати муносиб истифода бурда, хабарнигорамон бо ӯ ҳамсӯҳбат шуд.**

- Давоми нимсолаи аввали соли 2012 муассисаҳои фарҳанги ноҳия дар баланд бардоштани маънавиёти мардум, эҳёи суннатҳои миллӣ, дарёфти истеъдодҳои нав, ҷалби ҳунармандони ҷавони қобилиятнок кори муайянеро ба анҷом расониданд.

Дар назди Театри халқии ноҳия се гурӯҳи ҳунарӣ бо роҳбарии ҳунармандон А.Шамсиддинов, Г.Кенҷаев, М.Қурбонов ва гурӯҳҳои махсуси тарғиботию бадеию фарҳангӣ ташкил намуда, дар ҳамаи ҷамоатҳои шаҳраку деҳот бо барномаҳои фарҳангию бадеӣ баромад карданд, - гуфт ҳамсӯҳбатам ва суханашро идома дод:

- Гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ бахшида ба Рӯзи Артиши миллӣ (бо номи «Девори Бухороем»), Рӯзи модар (бо унвони «Давлати сарам, модар») бо шукӯҳу шаҳомат гузаронида шуд.

Ҷашни байналмилалии Наврӯз бо унвони «Дӯстон, ҷашни дилафрӯз муборак бошад» дар сатҳи баланд баргузор гардид. Тибқи қарор ва дастурҳои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт озмунҳои «Маликаи Наврӯз-2012» ва «Кадбонуи раштӣ» дар 14 ҷамоати шаҳраку деҳот баргузор гардид. Барномаи театрикунонидашудаи Театри халқии ноҳия таҳти унвони «Дӯстон, ҷашни дилафрӯз муборак бошад» (сенарияи Д.Мирзо) бо роҳбарии саркоргардони театри мазкур Нозим Қосимов ва ҳунармандони театри халқӣ Ғолибҷон Каримов, Мирзоалӣ Баҳромов, Шукрулло Ятимов, Сабоҳат Камолова ва дигарон бори дигар ноҳияи Раштро дар байни ноҳияҳои минтақа бо ҳунару истеъдоди баланд муаррифӣ намуд.

Ҳоло аз ҳисоби кормандони бахши фарҳанг 13 гурӯҳи таблиғотӣ бо шумораи 65 нафар дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот бобати амалӣ намудани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташвиқот мебаранд. Ин боис гардид, ки риоя ва иҷрои қонунҳои мазкур хеле беҳтар гардад.

Ҳоло тӯйҳо, ҷашну маросимҳо бо сарфу харҷи хеле кам мегузаранд, ки инро мардуми ноҳия дастгирӣ менамоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи фарҳанг диққати бештар дода, аз ҷумла изҳор доштанд: «Фарҳанг дар ҷомеаи башарӣ яке аз воситаҳои муҳими тарбия ва баланд бардоштани сатҳи маърифати мардум, бахусус ҷавонон, ба ҳисоб рафта, метавонад дар ташаккули арзишҳои ахлоқиву маънавии ҷомеа нақши калидӣ дошта бошад.

Бо дарназардошти ин, Ҳукумати кишвар ба ин соҳаи муҳими иҷтимоӣ низ беш аз пеш таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Солҳои охир дар ин соҳа як қатор тадбирҳои судманд амалӣ гардиданд, ки барои густариши фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ дар шаҳру деҳоти мамлакат ва ҳамзамон бо ин, шиносонидани кишвари соҳибистиқлоли мо дар сатҳи ҷаҳонӣ саҳми арзанда доранд».

-Дар нимсолаи аввали соли 2012 аз тарафи кормандони китобхонаҳои системаи марказонидашуда вохӯриҳо дар арафаи соли нав, Рӯзи милитсия ва Рӯзи Артиши миллӣ, мулоқот бо собиқадорони ҷангу меҳнат, ҳашт вохӯрӣ бо мансубини қисмҳои низомӣ, ду вохӯрӣ бо духтурон, се вохӯрӣ бо мактаббачагон дар мавзӯъҳои гуногун ва ҷалби меҳнаткашони ноҳия бо муаррифии китобҳои тозанашр гузаронида шуд, - гуфт Диловари Мирзо.

- Оиди боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти кормандони китобхонаҳо, клубу хонаҳои фарҳангӣ, боғи фароғатӣ, мактаби санъати бачагона рӯзи 23-юми март семинари машваратии дастурдиҳӣ ва омӯзишии кормандони соҳаи фарҳанг баргузор шуда, масъалаҳои беҳдошти фаъолияти минбаъдаи ин муассисаҳо баррасӣ гардид. Ба ҳар як муассиса супориш дода шудааст, ки барои ҷалби хатмкунандагони мактабҳои миёнаи ноҳия ба донишкадаҳои санъат ва коллеҷу ҳунаристонҳои марказ довталабонро тайёр намоянд.

Айни ҳол бахши фарҳанги Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт бо мақсади сазовор ҷашн гирифтани 20-солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солгарди Истиқлолияти давлатӣ ҳамаҷониба омодагӣ дида, бо мақсади рушду равнақи фаъолияти муассисаҳои фарҳангии ноҳия, беҳтар намудани тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва хештаншиносии сокинон, арҷгузорӣ ба мероси ниёгон саъю талош менамояд, -гуфт дар хотима Диловари Мирзо.

***Таҳияи Тиллои НЕКҚАДАМ, «Садои мардум»***

# ФАЙЗОБОД МАКОНИ ФАЙЗРЕЗУ ТАЪРИХИСТ

***Файзобод яке аз гӯшаҳои таърихӣ, макони ободу зебо, пурнакҳату ботароват, файзхезу файзрез аст. Бахусус дар айёми истиқлолияти кишвар он боз ҳам рушду нумӯъ кард. Таърихи ташаккули ин минтақа ва имрӯзи Файзобод дар китоби «Файзобод- Энсиклопедия» инъикос ёфтааст. Чанде пеш, зимни сафар ба ин ноҳия, бо муаллифи китоби мазкур- мудири шӯъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи раиси ноҳияи Файзобод Файзулло Наҷмиддинов сӯҳбат доштем, ки мӯҳтавои онро пешкаши хонандагон мегардонем.***

**-Фикри таҳияи энсиклопедия чӣ тавр ва кай пайдо шуд?**

-Андешаи навиштани китоби «Файзобод- Энсиклопедия» ҳанӯз се сол қабл, соли 2009, вақте ки маводи китоби «Хотира»-ро бахшида ба 65-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 гирд меовардем, пайдо шуд. Китоби «Хотира» соли 2010 нашр гардид. Он вақт ба устоди арҷманд, сармуҳаррири Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик А.Қурбонов андешаҳоямро иброз дошта будам. Он кас ваъда доданд, ки дастгирӣ мекунанд ва ман аз ин марди шарифу росткор якумр миннатдорам, ки дастгирӣ карданд ва ҳамкориҳои мо то имрӯз идома доранд. Ҳамчунин дар таҳия ва чопи китоб саҳми мудири шӯъбаи таҳрири илмӣ ва танқиди адабии Сарредаксияи миллии Энсиклопедияи миллии тоҷик Н.Шарипов зиёд аст, ки ба эшон низ самимона изҳори миннатдорӣ менамоям.Чор моҳ пеш аз ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва 80-солагии таъсисёбии ноҳияи Файзобод раиси ноҳия Абдулло Ҳакимов маро даъват карда, масъалаи таҳияи китобро ба миён гузоштанд. Вақте ман гуфтам, ки дар як муддати кӯтоҳ омода кардани чунин китоб аз имкон берун аст, эшон таъкид карданд:

-Ман мефаҳмам, бисёр мушкил ва ҳатто номумкин аст, вале як кӯшиш кардан лозим, зарур аст. Ман бовар дорам, ки шумо аз уҳдааш мебароед.

Ман ҳам пайи кор шудам ва бо дастгирию мадади устодони фавқуззикр ба навиштани китоб шурӯъ кардам. Ба ростӣ, бисёр худро нороҳат ҳис мекардам, зеро намедонистам чӣ тавр дар як муддати кӯтоҳ дар бораи тамоми азизону бузургон ва ҷойҳои таърихии Файзобод маълумот дастрас намоям. Зимни яке аз сафарҳои хеш ба ноҳия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Файзободро чунин тавсиф карданд:

«Файзобод мулки пурфайзу зодгоҳи чеҳраҳои маъруфи илму адаб ва санъату маънавиёти тоҷикон буда, мардуми он ватандӯсту ватандор, боғайрату кордон ва бонангу номус мебошанд».

Бубинед, чӣ қадар баҳои баланд. Маро ин фикр азоб медод, ки оё ман ва ҳамкорон метавониста бошем чунин масъулиятро пурра ба ҷо оварем? Китоби таҳиямекардаамон то кадом андоза тавсифи макони бузургонро метавонад инъикос намояд?

**-Ва аз уҳдаи кор баромадед?**

-Аслан, дастгирии фарзандони содиқу накуноми ноҳия буд, ки ин корро ба ҷо овардем, вале яқин медонам, ки натавонистем он чизеро, ки барои чунин як энсиклопедия зарур буд, анҷом диҳем, зеро ҳамин қадар вақт ва имкон доштем.

**-Табиист, ки норозиҳо низ буданд…**

-Ба ман касе рӯйирост норозигӣ накардааст, ман ба ҷуз аҳсан чизи дигаре нашунидаам. Вале, будаанд чунин шахсон ва аз як ҷиҳат ҳақ ҳам ҳастанд, зеро онҳо низ дар рушди Файзобод саҳмгузоранд. Бовар кунед, такрор ҳам шавад, боз мегӯям, ки вақт хеле танг буд ва мо натавонистем дар як китоб ҳама кас ва ҳама чизро фаро гирем…

Воқеан, вақте китобро варақ мезанед, мебинед, ки барои таҳия ва нашри он заҳмати хеле сангине сарф гардидааст ва он хеле пурмазмуну ҷолиб ҳам баромадааст. Ҳар нафаре, ки боре қалам ба даст гирифта, сатре иншо кардааст, дарк мекунад, ки давоми се-чор моҳ, ҳатто се-чор сол анҷоми чунин як кор осон нест. Дар китоб талабот ва тартиботи зарурӣ ба қадри имкон ба ҷо оварда шудааст. Яке аз сабабҳои чунин комёбӣ дар он аст, ки китоб зери назар ва ҳамкории Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик ба табъ расидааст

Ёриву маслиҳати фарзандони накуноми миллат, зодагони ноҳия -доктори илмҳои педагогӣ Т.Н.Зиёзода ва доктори илмҳои филологӣ, профессор У.Тоиров низ ба пешрафти кори мо мусоидат кард.

Дар саҳифаҳои аввал расм ва гуфтаҳои Сарвари давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи Файзобод, Қарори Комитети иҷроияи Марказии РСС Тоҷикистон аз 14 июни соли 1931 таҳти №32 «Дар бораи таъсис додани ноҳияи Файзобод», мақолаи муқаддимавии раиси ноҳияи Файзобод Абдулло Ҳакимов ҷой дода шудааст. Сипас, ба хонанда шеърҳои шоирони номии тоҷик (зодагони Файзобод) Бозор Собир «Бо ҷамидан, бо шамидан, бо ҷашидан…», «Лолазори Файзобод», «Шаби Файзобод», ғазалу таронаҳои Усмон Шарифзода ва Ҷамолиддин Каримзода пешкаш мешавад. Баъдан маводҳо дар бораи шахсони шинохта, мавзеъҳои таърихии ноҳия, корхонаву муассисаҳо, ҷамоати деҳот, деҳаҳо бо тартиби алифбоӣ ҷо ба ҷо шудааст.

**-Тавре мушоҳида гардид, бо вуҷуди кӯшишҳои зиёди шумо дар китоб кору номи баъзе ашхоси шоиставу иззатманд сарфи назар шудааст.**

-Бале, дуруст аст. Аслан, дар баробари мо, барои пешниҳоду ҷамъоварии мавод раисони ҷамоатҳои деҳот, мудирони шӯъбаҳо ва роҳбарони дигар муассисаву ташкилотҳо низ масъул буданду вазифадор шуда буданд. Бинобар ин, бовар дорем, ки аҳли фазлу хирад инро мефаҳманд ва назар ба айбу нуқсон намекунанд. Тавре Хоҷа Ҳофиз фармудаанд:

*Камоли сирри муҳаббат бубин,*
*на нуқси гуноҳ,*
*Ки ҳар кӣ бе ҳунар афтад, назар*
*ба айб кунад.*

**-Аз гуфтаҳои шумо бармеояд, ки таҳия ва нашрҳои минбаъдаи китоби «Файзобод- Энсиклопедия» идома меёбад?**

-Бале, ин корро идома додан зарур аст. Саъй дар чунин кори хайр ҷавонмардию ватандорист. Агар аз дастам ояд, ба қадри имкон ба мураттибону муаллифон кӯмаки худро дареғ намедорам.

***Б.КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***




## Ҷамъоварии ҳосили нави пахта шурӯъ шуд

**ДУШАНБЕ. (Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Дар хоҷагиҳои кишоварзии мамлакат пахта хуб нашъунамо ёфта истодааст. Ҳар як ниҳол ба ҳисоби миёна дорои 12-15 курак мебошад. Деҳқонони ноҳияҳои Бохтар, Шаҳритус, Вахш ва Ҷиликӯл нахустин шуда, ба ҷамъоварии ҳосили нав шурӯъ карданд. Мувофиқи маълумоти фаврии Раёсати растанипарварии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси ҷумҳурӣ дар майдони 199 ҳазору 466 гектар пахта кишт карда шудааст. Имсол деҳқонони кишвар ният доранд 409 ҳазор тонна ашёи хоми пурқимат ҷамъоварӣ намоянд.

## Соҳиби сертификат гардиданд

**ДУШАНБЕ. (Фирӯза ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»)** Чанде пеш дар доираи ҳамкориҳои дутарафа байни Агентии «Тоҷикстандарт» ва Академияи байналмилалии стандартонӣ дар мавзӯи «Мутобиқгардонии метрологӣ ва калибровкакунии воситаҳои ченак» семинар ва тренингҳои 80- соата барпо гардид. Дар ин чорабинӣ мутахассисони Раёсати давлатии метрологии «Тоҷикстандарт», бахшҳои энергетикӣ, намояндагони озмоишгоҳҳои санҷишии корхонаҳои истеҳсолии вилоятҳои ҷумҳурӣ иштирок доштанд.

Дар ин ҷамъомадҳо меъёрҳои талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) дар соҳаи стандартизатсия ва баҳои мутобиқат мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Бо шунавандагон олимон ва экспертҳои варзидаи аз Академияи байналмилалии стандартизатсияи Ҷумҳурии Украина даъватшуда О. Н. Величко, Т. Б. Гордиенко машғулият гузарониданд. Ҳамин тавр, 25 нафар шунавандагон соҳиби сертификат гардиданд.

## Кӯпрукҳои Панҷакент барқарор шуданд

**ПАНҶАКЕНТ. (Мавҷуда АНВАРӢ, АМИТ «Ховар»)** Ба муносибати Иди саиди Фитр сокинони деҳоти «Ёрӣ» ва «Косатарош»-и ноҳияи Панҷакент сазовори тӯҳфаи муносиб гардиданд. Кӯпрукҳои деҳаҳои Вешист ва Косатарош, ки бар асари офати табиӣ аз байн рафта буданд, бо маблағгузории Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (1 млн. 75 ҳазору 228 сомонӣ) барқарор шуданд.

Корҳои сохтмониро дар кӯпруки Вешист кормандони Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Панҷакент ба иҷро расониданд. Бозсозии кӯпруки деҳаи Косатарош мушкилоти зиёда аз 40 ҳазор шаҳрванди деҳоти «Косатарош», «Шинг», «Моҳиён» ва «Фароб»-ро осон намуд.

## Нахустин бинои 15-ошёна

**ҚӮРҒОНТЕППА. (Давлат СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Ба муносибати ҷашни 21- солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Қӯрғонтеппа ба сохтмони бинои нави 15- ошёна оғоз намуданд. Ин нахустин бинои 15 - ошёна аст, ки дар маркази вилояти Хатлон қомат меафрозад. То ин вақт ду бинои 9- ошёна вуҷуд дошт, ки ҳанӯз дар замони ҳокимияти Шӯравӣ бунёд гардида буданд. Тавре аз Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Қӯрғонтеппа иттилоъ доданд, дар ошёнаи якуми бино марказҳои савдою хизматрасонӣ, дар ошёнаи дуюм идораҳои маъмурӣ ҷойгир хоҳанд шуд. Сенздаҳ ошёнаи боқимонда ҳамчун ҳуҷраҳои истиқоматӣ истифода мегарданд. Арзиши сохтмон қариб 39 миллион сомониро ташкил медиҳад.

## Баҳри ҳосили фаровон

**ИСТАРАВШАН. (Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** -Яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати ҷумҳурӣ дар солҳои наздик таъмини иҷрои Барномаи амнияти озуқаворӣ мебошад,- ёдовар шуд сардори Раёсати кишоварзии шаҳри Истаравшан С. Почокалонов ва зикр намуд, ки деҳқонони мо ҷавобан ба даъвати Президенти кишвар ҷиҳати дар ду соли оянда расонидани истеҳсоли картошка ба 1 млн. тонна соли равон майдони ин зироатро нисбат ба соли гузашта 100 гектар васеъ карданд. Дар сурати аз ҳар гектар гирифтани 190 сентнерӣ 21 ҳазор тонна картошка ба даст оварда мешавад. Хоҷагиҳои деҳқонии деҳоти «Нофарох», «Қалъаи Баланд» ва «Пошкент» аз нақша зиёд картошка кишт кардаанд.

## Таъмири хушсифат баъди 48 сол

**ҲИСОР. (Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»)** Дар ноҳияи Ҳисор бо мақсади фароҳам сохтани шароити зарурии таҳсил ва баланд бардоштани савияи дониши хонандагон тадбирҳои самарабахш андешида мешавад. Имрӯзҳо дар раванди омодагӣ ба соли нави хониш таълимгоҳҳо хушсифат таъмир мегарданд.

Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №2-и ба номи Садриддин Айнӣ, ки 48 сол боз рӯйи таъмири хушсифатро надида буд, имсол бо дастгирии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҳисор ва Ассотсиатсияи волидайн симояшро дигар кард. Дар ин мактаб толори варзишӣ, роҳравҳо, китобхона ва синфхонаҳо пурра таъмиру таҷдид гардиданд. Дар дигар муассисаҳои таълимии ноҳия низ барои сари вақт омода гаштан ба соли нави таҳсил корҳо босуръат идома доранд.

## Соли хониши гузашта бобарор буд

**МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ. (Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Дар кохи фарҳанги маркази ноҳия машварати августии омӯзгорон баргузор гардид. Мудири шӯъбаи маорифи ноҳия А.Исоев оид ба бурду бохти маорифчиён дар давоми соли хониши сипаришуда ба таври муфассал суханронӣ намуда, аз ҷумла зикр кард, ки дар ин давра даҳ шӯрои шӯъбаи маориф гузаронида шуд, ки дар онҳо 102 масъалаи муҳими соҳа мавриди баррасию муҳокима қарор гирифтанд. Дар ин муддат хонандагони деҳаҳои Дараи Калоти деҳоти «Қаҳрамон» ва Киштиёи деҳоти ба номи «Калинин» таълиму тарбияро дар биноҳои бо усули замонавӣ бунёдгашта оғоз намуданд. Сохтмони бинои литсейи давлатии ноҳия, бунёди ҳашт синфхонаи иловагӣ дар назди мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 27, азнавсозии бинои хобгоҳи омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ ва мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 1200 нафар хонанда дар арафаи анҷомёбист. Зимни таҳлили донишазхудкунии хонандагон ва дастовардҳои онҳо дар озмунҳову олимпиадаҳои вилоятиву ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, А.Исоев бо қаноатмандӣ таъкид намуд, ки соли хониши сипаригашта барои толибилмони ноҳия соли бобарору фаромӯшнашаванда буд.

## Омодагӣ ба ҷашн

**КӮЛОБ. (Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Ҳунарпешагони Театри мазҳакаи мусиқии ба номи Сайидалӣ Вализодаи шаҳри Кӯлоб ба сокинони ноҳияи Балҷувон намоишномаи «Ошиқам, ошиқ»-и Малика Ҷӯрабековаро пешкаш карданд. Ин намоишномаро саркоргардони театр Раҳмоналӣ Одинаев таҳия кардааст.

-Дар арафаи ҷашни Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҳунарпешагони театр ба дигар шаҳру ноҳияҳои минтақа низ сафар карда, бо намоишномаҳои ҷолиб хотири мардумро шод мегардонанд. Дигар кормандони муассисаҳои фарҳангӣ ва китобхонаҳо низ ба ҷашнҳои дарпешистодаи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва 20- солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии ҳаматарафа мебинанд,- иттилоъ дод ба хабарнигорамон муовини сардори Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб Хайрулло Тоҳиров.

***Масъули гӯша Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум». Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

● Ҳунар-ганҷи нуҳуфта

# ҶИЛОИ ТОЗАИ ҲУНАРИСТОН

### Оғози сухан

Омӯзишгоҳи касбӣ -техникии рақами 14-и шаҳри Истаравшан, ки 6 январи соли 1960 таъсис ёфтааст, дар маркази шаҳр, дар бинои таърихие ҷойгир шудааст, ки ҳанӯз соли 1937 бунёд гардида, аз нахустин иншооти меъмории замони шӯравӣ дар Истаравшан маҳсуб ёфта, бо номи «Мактаби сангин» машҳур мебошад.

Дар ин ёдгории меъмории шаҳр нахустин мактаби агрономӣ ва омӯзишгоҳи механизатсияи хоҷагии қишлоқ солҳои зиёд фаъолият дошт. Баъдан онро ба ихтиёри Омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ доданд.

Қобили зикр аст, ки саҳми ин муассисаи касбомӯзӣ дар таъмини шаҳри Истаравшан ва шаҳру навоҳии атрофи он, ба монанди Панҷакент, Айнӣ, Мастчоҳ, Зафаробод, Ғончӣ ва Шаҳристон бо кадрҳои коргарӣ калон мебошад.

-Замони шӯравӣ ин муассиса обрую нуфузи калонро соҳиб буд, имконияту шароити техникии ҳаматарафа дошт, вале пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ин омӯзишгоҳ низ монанди дигар муассисаҳои таълимӣ мувоҷеҳи бӯҳронҳо шуда, аз нигоҳи техникӣ заиф гардид ва аксари устодону омӯзгоронаш онро тарк карданд. Сафи хонандагонаш низ бамаротиб кам шуд,- мегӯяд раиси шаҳри Истаравшан Иброҳим Абдуллоев. Тӯли бист соли Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ин боргоҳи ҳунар сарварони зиёдеро дида, муддати се-чор соли охир омӯзишгоҳ рӯй ба беҳбудӣ ниҳода, симои худро дигар сохта, таъмиру таҷдид гардид ва ширкати устодону шогирдонаш дар чорабиниҳои ҷамъиятиву фарҳангии шаҳр фаъолтар шуд. Хусусан иштироки фаъоли дастпарварони ин муассисаро дар намоиши маҳсулоти ҳунармандони шаҳр дар Рӯзи фарҳанги шаҳри Истаравшан дар пойтахт (11 июни соли 2011), таҷлили ҷашни Наврӯзи 2012, истиқболи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Истаравшан (моҳи июли соли 2011) мебояд махсус зикр намуд. Ҳамчунин қобили таваҷҷуҳ аст, ки хонандаи ин омӯзишгоҳ Шаҳло Бобоҷонова дар озмуни шаҳрии «Маликаи Наврӯз-2012» ғолиб гардид.

### Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад...

Замоне ки банда ба воситаи айвончаи кандакории мунаққаш ба бинои асосии омӯзишгоҳ ворид мешудам, ду се нафар донишҷӯён тирезаҳои ошёнаи дуюми биноро таъмир мекарданду чор нафари дигари онҳо фарши долони асосиро 1,5-2 метр тавассути тахтаҳо баланд бардошта, аз болои он сақфро наққошӣ доштанд. Марде дар поён истода, ба онҳо маслиҳат медод. Он мард устои таълимии гурӯҳи рассом-ороишгарон Неъмат Аҳроров буд.

-Мутаассифона, бо сабаби қимат афтодани кори нaққошӣ азнавсозии бино каме тӯл кашид. Чунки барои рангубору кушодани ҳар нақши классикӣ усто соатҳо сарф мекунад, кор кори зиқ ва фурсатхоҳ мебошад,-гуфт дар сӯҳбат Неъмат Аҳроров. -Бо ибтикори сарвари нави омӯзишгоҳамон -Нуриддин Тӯйчиев ба хотири аз байн нарафтани ин навъи санъати асили классикии тоҷик мо тайи чанд сол аст, ки ба омӯзонидани ин касби бобоӣ машғулем.

Вақте Нуриддин Тӯйчиев гуфтанд, ки «Усто, толибилмони мо соҳиби ҳамин хел касби нодиранд. Дар ҷойи намоёни омӯзишгоҳ намунаҳои эҷоди онҳоро ҷой диҳем, кори хуб мешавад. Чӣ мешуд, агар сақфи даромадгоҳи омӯзишгоҳро нaққошӣ кунему бачаҳо чӣ қудрат доштани худро дар он ҷо нишон диҳанд?»...



Мо розӣ шудем. Инак, бачаҳои курсҳои 1-3, чуноне мебинед, тайи қариб як моҳ аст, ки ба ин кор машғуланд. Шукр, ки натиҷаи кори шогирдон бад нест,- гуфт бо қаноатмандӣ усто Неъмат Аҳроров.

Ман ба нақшҳо чашм медӯзам. Боварии кас намеояд, ки шогирдони оддӣ аз уҳдаи иҷрои чунин нақшҳои мураккаб баромада истодаанд. Ба долону роҳравҳо менигарам. Дар онҳо шиору навиштаҷоти мунаққашу муназзам овезонанд. Ҷо-ҷо бамаврид гуфтаҳои бузургонро дар боби касбу ҳунар насб кардаанд. Масалан:

*Шир мегардад бурун аз кӯҳ*
*баҳри Кӯҳкан,*
*Ризқи худ соҳибҳунар аз*
*санг пайдо мекунад.*
**Сайидо**

-Худоро шукр, корамон сол ба сол беҳтар мешавад. Имрӯз ҷиҳози тайёркардаи хонандагони мо, аз қабили мизу курсиҳо, ҷевону дару тирезаҳо, китобмонаку сандуқча ва нарду шоҳмотҳои кандакоришуда дар бозор харидори зиёд доранд. Асбобҳои рӯзгор, мебелҳои гуногун, либосҳои дӯхтаи онҳо низ мизоҷону муштариёни худро дорад. Ин ҳама ба шарофати таълими дурусти устоҳост. Масалан, куртаю либосҳои дӯхтаи чеварони мо, гулдӯзиҳои компютерии онҳо бо роҳбарии устои таълимиашон Насиба Искандарова ва мебелҳои зери роҳбарии устои таълимии гурӯҳи мебелсозӣ Рустам Почоев, ки таҷрибаи чандинсолаи кор дар фабрикаҳои мебелсозии Москваю Минскро дорад, аз либосҳои либосдӯзони касбӣ ва мебелҳои таърифии белорусиву руминӣ ҳеҷ камӣ надоранд,- ба тавсиф сар кард омӯзгор Фароғат Ҳайдарова. Либосҳои таҳиякардаи чеварони мо барои иштирокдорони бозиҳои ҳарбӣ-ватандӯстии «Шафақ»- и мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақами 1 ва 16 ба ҳакамону иштирокдорони он хеле писанд омад.

Баъди ба кор омадани сарвари навамон Нуриддин Тӯйчиев дар омӯзишгоҳ пешравиҳо хеле зиёд шуд. Он кас корро, пеш аз ҳама, аз таҳкими пояи моддию техникии муассиса сар карданд. Бо кӯмаки ташкилотҳои байналмилалии «Ҷовид», «Ассотсиатсияи зиёиёни илмию техникии Тоҷикистон» ва «Созмони ҳамкории техникии Олмон» даҳ баста мошини дарздӯзии олмонии тамғаи 1022, даҳ баста мошини дарздӯзии истеҳсоли Россия-«Чайка», таҷҳизоти нави кафшергарии газию барқӣ, дастгоҳҳои араю рандаи ҳозиразамон, кинопроекторҳо, чандин адад мизу курсиҳои нав, даҳ баста компютер бо сканеру принтерҳояшро соҳиб шудем. Шумораи умумии компютерҳоямон аз 9 ба 29 адад расид. Аз ҳисоби буҷет ва даромадҳои иловагӣ таъмири синфҳои таълимӣ, долону устохонаҳо, толори варзишию маҷлисгоҳ, ошхонаю даромадгоҳ анҷом ёфтанд. Чуноне дидед, таъмир ҳоло ҳам идома дорад. Аз ҳама муҳимаш аз ҳисоби даромадҳои иловагии омӯзишгоҳ маоши устоҳою омӯзгорон давра ба давра афзоиш меёбанд. Сарвари навамон шахси ҷӯяндаю чашми кордон аст. Ин ҳама таҳаввулот дили моро ба кор гарм мекунад,-гуфт омӯзгор Фароғат Ҳайдарова.



### Кадрҳои сазоворро тарбия намоем

Директори Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии рақами 14-и шаҳри Истаравшан Нуриддин Тӯйчиев ҳамагӣ се сол аст, ки дар ин вазифа кор мекунад. Ӯ моҳи июни соли 2009 сарвари омӯзишгоҳ таъин шудааст. Дастпарвари Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №6-и пойтахти кишвар буда, баъдан факултети филологияи тоҷики Унверситети давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро хатм кардааст. Як даъват вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Истаравшан низ интихоб шуда буд. Марди кордон ва ташкилотчист.

- Кадрҳое, ки мо тарбия мекунем, бояд донишу малакаи муосир, ҷаҳонбинии васеъ дошта бошанд. Забонҳои хориҷиро аз худ намоянд ва аз ҳама муҳимаш ҳисси баланди ифтихори миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстию ватанпарастӣ дошта, ба қадри давлати соҳибистиқлол, таърих, фарҳанг ва суннатҳои миллати куҳанбунёди тоҷик расида тавонанд, сӯҳбатамонро идома бахшид Нуриддин Тӯйчиев ва илова кард:

-Ин гуфтаи ман не, балки гуфтаи Сарвари давлатамон, Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст ва вазифаи асосии мо дар амал татбиқ намудани ин дастури ватандӯстонаи Сарвари давлатамон мебошад.

Бино ба гуфтаи роҳбари таълимгоҳ, имрӯз дар ин махзани ҳунар 32 нафар усто ва омӯзгор ба таълиму тарбияи беш аз 276 нафар толибилмон (аз ҷумла 88 нафар духтарон) машғуланд.

-Тамоми таваҷҷуҳ ва кӯшишу ҳаракати ҷомеаи меҳнатии мо ба татбиқи талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маълумоти ибтидоии касбӣ», «Дар бораи маориф» ва дигар қонуну санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи кишвар, ташкил ва таъмини татбиқи босамари ҷараёни таълими зинадор тибқи барномаҳои таълимӣ барои гирифтани таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии хонандагон, давра ба давра баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва тахассуси касбии шогирдон, ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзон, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси онҳо вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва дигар масоили мубрами кори таълиму тарбия равона шудааст,-мегӯяд Нуриддин Тӯйчиев.

Дар ҳунаристон ҳоло 276 нафар муҳассилин аз рӯйи 13 навъи касб сабақ омӯхта истодаанд ва имсол наздик ба 140 нафарашон аз рӯйи ҳашт касб аттестати хатмкунии давлатиро супорида, соҳиби диплом мешаванд. Бо тақозои талаботи бозор се гурӯҳи кӯтоҳмуддат ба омӯзиши касбҳои барқчӣ, кафшергари газию барқӣ ва ҳисобдор бо дониши компютерӣ машғул мебошанд.

-Мо ҳамеша дар ҷустуҷӯйи такмили ихтисосҳо ва омодасозии кадрҳои коргарие ҳастем, ки дар бозори дохилию хориҷӣ рақобатпазир бошанд,-афзуд мавсуф.

-Бинобар ин, ҳамкории омӯзишгоҳ оид ба омӯзиши касбҳо ва таълими истеҳсолӣ бо корхонаю ташкилот ва муассисаю хоҷагиҳои давлативу ғайридавлатӣ зич мебошад.

Омӯзишгоҳ оҳиста-оҳиста симою мавқеи пешинаи хешро соҳиб мешавад. Имрӯз дар ин боргоҳи ҳунар на танҳо аз шаҳру навоҳии атрофи шаҳри Истаравшан, балки аз шаҳрҳои Кӯлобу Данғара ва водии Ҳисор барин мавзеъҳои дурдаст донишҷӯён таҳсил мекунанд. Онҳо бо хобгоҳ ва хӯроки гарм таъмин мебошанд. Дар таълимгоҳ феълан касбҳои кафшергари барқию газӣ, сантехник, андовачӣ-гилкор, бофанда, рассом-ороишгар, муҳосиб бо дониши компютерӣ, компютер ва технологияи интернетӣ, дӯзанда, дуредгар, ронанда, гаҷкор-ороишгар, кандакор ва барқчӣ омӯзонида мешаванд.

-Мо аз вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Нуриддин Саидов, ҳамчунин аз раиси шаҳри Истаравшан Иброҳим Абдуллоев сипосгузорем, ки навгониву ташаббусҳои моро дастгирӣ карда, ҳамеша барои пешрафти корамон ёрии амалии хешро мерасонанд,-гуфт дар фарҷоми сӯҳбат сарвари омӯзишгоҳ Нуриддин Тӯйчиев.

### Ба ҷойи охирсухан

Албатта, дар кору рӯзгори Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии рақами 14-и шаҳри Истаравшан ҳоло ҳам камбудиҳои зиёд мавҷуданд. Қабл аз ҳама барои таъмири куллию ҷавобгӯйи талаботи замон қарор додани устохонаю синфхонаҳои таълимӣ кори зиёдеро анҷом додан лозим меояд. Синни аксари устоҳои таълимӣ ба нафақа наздик шудааст. Дар мавриди баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва тахассуснокии муҳассилин боз кори зиёдро анҷом додан лозим мешавад. Ҳалли ҳамаи ин мушкилот, албатта, вақту шароит мехоҳад. Вале муҳим он аст, ки устодону шогирдони ин ҳунаристон нисбати таълим ва азхудкунии касбҳо дили гарм доранд. Роҳҳои нави эҳёву ривоҷу равнақи касбҳои бобоӣ сарварони онро ором намегузорад. Ҷомеаи меҳнатӣ ният дорад, ки дӯконҳои фурӯши маҳсулоти худӣ, аз ҷумла наққошиву кандакорӣ, дӯзандагиву тунукагарии худро дошта бошад.

Дар партави суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолони вилояти Суғд, ки дар шаҳри Конибодом чанде пеш сурат гирифт, дӯзандагони ин ҳунаристон тасмим гирифтаанд, ки дӯхтани либосҳои мактабиро пеша намоянд. Бо бархе аз мақомоти қудратӣ ва корхонаву ташкилоти шаҳру навоҳии вилоят омӯзишгоҳ дар бобати омода сохтани либосҳои низомию милиса, сохтани дару тиреза ва мебелҳои замонавӣ гуфтугӯҳо анҷом додааст. Дар урфият мегӯянд, ки «танбал баҳона мекобаду кордон илоҷи кор». Дар Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №14 бошад, роҳи ҳалли масъаларо меҷӯянд ва меёбанд.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Музоядаи №16-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан истифодашуда 21 сентябри соли 2012 баргузор менамояд

| т/р | Мансубият | Тамға | Соли барориш | Рақами давлатӣ | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ВАЗ-2106 | 1998 | 00-95 А 01 РТ | 3861 |
| 2 | | УАЗ-31514 | 1998 | 14-40 А 01 РТ | 4563 |
| 3 | | УАЗ-31514 | 2000 | 14-32 А 01 РТ | 3564 |
| 4 | | УАЗ-31514 | 2000 | 08-47 А 01 РТ | 3564 |
| 5 | | УАЗ-31514 | 2000 | 62-00 А 01 РТ | 3564 |
| 6 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | УАЗ-31512 | 1998 | 51-62 А 01 РТ | 6192 |
| 7 | | ВАЗ-2106 | 2001 | 35-01 А 01 РТ | 4134 |
| 8 | | ВАЗ-2106 | 2000 | 51-50 А 01 РТ | 4230 |
| 9 | | ВАЗ-2106 | 2000 | 51-52 А 01 РТ | 4050 |
| 10 | | ВАЗ-2109 | 1996 | 67-13 В 01 РТ | 1350 |
| 11 | | ВАЗ-2106 | 1996 | 51-64 А 01 РТ | 1796 |
| 12 | | ВАЗ-2107 | 2001 | 14-89 В 01 РТ | 3510 |
| 13 | | РАФ | 1995 | 51-65 А 01 РТ | 11092 |
| 14 | | РАФ | 1989 | 57-84 А 01 РТ | 3697 |
| 15 | | УАЗ-31514 | 2002 | 55-80 А 01 РТ | 198 |
| 16 | | УАЗ-31512 | 1997 | 87-45 А 01 РТ | 1133 |
| 17 | | УАЗ-31512 | 1999 | 87-46 А 01 РТ | 1049 |
| 18 | | УАЗ-31512 | 1995 | б/р | 1234 |
| 19 | | ГАЗ-31029 | 1993 | 67-12 А 01 РТ | 856 |
| 20 | | ГАЗ-31029 | 1996 | 26-89 А 01 РТ | 4027 |
| 21 | | ГАЗ-31029 | 1995 | 51-55 А 01 РТ | 4208 |
| 22 | | ГАЗ-31029 | 1995 | 34-49 Е 01 РТ | 4208 |
| 23 | | Джип | 1995 | 00-47 Е 01 РТ | 5228 |
| 24 | | ВАЗ-21054 | 1980 | 16-00 В 01 РТ | 1726 |
| 25 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ГАЗ-3110 | 1998 | 31-30 А 01 РТ | 3870 |
| 26 | | ЗИЛ-325010 | 1999 | 31-37 А 01 РТ | 7650 |
| 27 | | ГАЗ-3102 | 1999 | 15-64 А 01 РТ | 5400 |
| 28 | | Дорж-Караван | 1998 | 02-77 А 01 РТ | 18000 |
| 29 | | ГАЗ-3102 | 1996 | 00-06 А 01 РТ | 4760 |
| 30 | | ВАЗ-21095 | 1995 | 17-77 А 01 РТ | 231 |
| 31 | Муассисаи нақлиётии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | УАЗ-31512 | 1998 | 47-84 В 01 РТ | 3930 |
| 32 | | ВАЗ-21061 | 1996 | 58-62 В 01 РТ | 1920 |
| 33 | | УАЗ-31512 | 1998 | 59-20 В 01 РТ | 2366 |
| 34 | | ВАЗ-21061 | 1996 | 88-01 В 01 РТ | 2274 |
| 35 | | ГАЗ-31029 | 2000 | 62-15 В 01 РТ | 2779 |
| 36 | | ГАЗ-3102 | 2000 | 61-03 А 01 РТ | 3705 |
| 37 | | ВАЗ-2121 | 1999 | 61-44 В 01 РТ | 3564 |
| 38 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ГАЗ-53 | 1980 | 027 ВВ 02 РТ | 308 |
| 39 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ГАЗ-3110 | 1999 | 50-02 В 02 РТ | 4212 |
| 40 | | УАЗ-31514 | 2000 | 17-44 В 03 РТ | 2367 |
| 41 | | ВАЗ-2106 | 1998 | 10-16 В 03 РТ | 7922 |
| 42 | | ВАЗ-2106 | 1998 | 10-29 В 03 РТ | 3961 |
| 43 | | ВАЗ-2106 | 2000 | 10-12 В 03 РТ | 2505 |
| 44 | | ВАЗ-2106 | 1997 | 10-20 В 03 РТ | 2782 |
| 45 | | ВАЗ-2106 | 1998 | 10-32 В 03 РТ | 3861 |
| 46 | | ВАЗ-2106 | 1998 | 10-28 В 03 РТ | 3861 |
| 47 | | ВАЗ-2106 | 1993 | 10-27 В 03 РТ | 1040 |
| 48 | | УАЗ-31512 | 2000 | 10-25 В 03 РТ | 2617 |
| 49 | | УАЗ-31514 | 2000 | 10-24 В 03 РТ | 2717 |
| 50 | | УАЗ-31514 | 2000 | 49-88 А 01 РТ | 4170 |
| 51 | | ВАЗ-21060 | 2001 | 96-69 А 01 РТ | 3666 |
| 52 | | ГАЗ-3110 | 1998 | 10-02 В О3 РТ | 1350 |
| 53 | | ГАЗ-31029 | 1993 | 50-18 В 02 РТ | 1639 |
| 54 | | ГАЗ-3102 | 1999 | 00-01 А 01 РТ | 1405 |
| 55 | | ГАЗ-3102 | 1997 | 50-50 В 02 РТ | 3304 |
| 56 | | ВАЗ-21099 | 1997 | 50-05 В 02 РТ | 1838 |
| 57 | | ГАЗ-2410 | 1990 | 50-14 В 02 РТ | 875 |
| 58 | | ГАЗ-31029 | 1993 | 50-15 В 02 РТ | 692 |
| 59 | | ГАЗ-3110 | 1997 | 50-19 В 02 РТ | 2321 |
| 60 | | ГАЗ-31029 | 1993 | 50-24 В 03 РТ | 1639 |
| 61 | | ГАЗ-310290 | 1996 | 50-30 В 03 РТ | 2596 |
| 62 | | ВАЗ-21061 | 1998 | 50-21 В 02 РТ | 1326 |
| 63 | | ВАЗ-2106 | 1997 | 50-22 В 02 РТ | 166 |
| 64 | | ВАЗ-2107 | 2000 | 50-17 В 02 РТ | 2025 |
| 65 | | ВАЗ-2106 | 1997 | 50-29 В 02 РТ | 684 |
| 66 | | ВАЗ-2107 | 1997 | 50-23 В 02 РТ | 894 |
| 67 | | Форд-сиярра | 1992 | 50-03 В 02 РТ | 616 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-49-87, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи И. Сомонӣ 35, тел: 2-41-14.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 15 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори 5 фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи И.Сомонӣ 35, тел: 2-41-14**, ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## 21 сентября 2012 года проводит аукцион №16 по продаже транспортных средств, ранее бывших в употреблении

| п/н | Принадлежность | Марка | Год выпуска | Гос. номер | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Генеральная прокуратура Республики Таджикистан | ВАЗ-2106 | 1998 | 00-95 А 01 РТ | 3861 |
| 2 | | УАЗ-31514 | 1998 | 14-40 А 01 РТ | 4563 |
| 3 | | УАЗ-31514 | 2000 | 14-32 А 01 РТ | 3564 |
| 4 | | УАЗ-31514 | 2000 | 08-47 А 01 РТ | 3564 |
| 5 | | УАЗ-31514 | 2000 | 62-00 А 01 РТ | 3564 |
| 6 | Государственный комитет по национальной безопасности Республики Таджикистан | УАЗ-31512 | 1998 | 51-62 А 01 РТ | 6192 |
| 7 | | ВАЗ-2106 | 2001 | 35-01 А 01 РТ | 4134 |
| 8 | | ВАЗ-2106 | 2000 | 51-50 А 01 РТ | 4230 |
| 9 | | ВАЗ-2106 | 2000 | 51-52 А 01 РТ | 4050 |
| 10 | | ВАЗ-2109 | 1996 | 67-13 В 01 РТ | 1350 |
| 11 | | ВАЗ-2106 | 1996 | 51-64 А 01 РТ | 1796 |
| 12 | | ВАЗ-2107 | 2001 | 14-89 В 01 РТ | 3510 |
| 13 | | РАФ | 1995 | 51-65 А 01 РТ | 11092 |
| 14 | | РАФ | 1989 | 57-84 А 01 РТ | 3697 |
| 15 | | УАЗ-31514 | 2002 | 55-80 А 01 РТ | 198 |
| 16 | | УАЗ-31512 | 1997 | 87-45 А 01 РТ | 1133 |
| 17 | | УАЗ-31512 | 1999 | 87-46 А 01 РТ | 1049 |
| 18 | | УАЗ-31512 | 1995 | б/н | 1234 |
| 19 | | ГАЗ-31029 | 1993 | 67-12 А 01 РТ | 856 |
| 20 | | ГАЗ-31029 | 1996 | 26-89 А 01 РТ | 4027 |
| 21 | | ГАЗ-31029 | 1995 | 51-55 А 01 РТ | 4208 |
| 22 | | ГАЗ-31029 | 1995 | 34-49 Е 01 РТ | 4208 |
| 23 | | Джип | 1995 | 00-47 Е 01 РТ | 5228 |
| 24 | | ВАЗ-21054 | 1980 | 16-00 В 01 РТ | 1726 |
| 25 | Агентство по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией Республики Таджикистан | ГАЗ-3110 | 1998 | 31-30 А 01 РТ | 3870 |
| 26 | | ЗИЛ-325010 | 1999 | 31-37 А 01 РТ | 7650 |
| 27 | | ГАЗ-3102 | 1999 | 15-64 А 01 РТ | 5400 |
| 28 | | Дорж-Караван | 1998 | 02-77 А 01 РТ | 18000 |
| 29 | | ГАЗ-3102 | 1996 | 00-06 А 01 РТ | 4760 |
| 30 | | ВАЗ-21095 | 1995 | 17-77 А 01 РТ | 231 |
| 31 | Автохозяйство МВД Республики Таджикистан | УАЗ-31512 | 1998 | 47-84 В 01 РТ | 3930 |
| 32 | | ВАЗ-21061 | 1996 | 58-62 В 01 РТ | 1920 |
| 33 | | УАЗ-31512 | 1998 | 59-20 В 01 РТ | 2366 |
| 34 | | ВАЗ-21061 | 1996 | 88-01 В 01 РТ | 2274 |
| 35 | | ГАЗ-31029 | 2000 | 62-15 В 01 РТ | 2779 |
| 36 | | ГАЗ-3102 | 2000 | 61-03 А 01 РТ | 3705 |
| 37 | | ВАЗ-2121 | 1999 | 61-44 В 01 РТ | 3564 |
| 38 | Управление внутренних войск МВД Республики Таджикистан | ГАЗ-53 | 1980 | 027 ВВ 02 РТ | 308 |
| 39 | Генеральная прокуратура Республики Таджикистан | ГАЗ-3110 | 1999 | 50-02 В 02 РТ | 4212 |
| 40 | | УАЗ-31514 | 2000 | 17-44 В 03 РТ | 2367 |
| 41 | | ВАЗ-2106 | 1998 | 10-16 В 03 РТ | 7922 |
| 42 | | ВАЗ-2106 | 1998 | 10-29 В 03 РТ | 3961 |
| 43 | | ВАЗ-2106 | 2000 | 10-12 В 03 РТ | 2505 |
| 44 | | ВАЗ-2106 | 1997 | 10-20 В 03 РТ | 2782 |
| 45 | | ВАЗ-2106 | 1998 | 10-32 В 03 РТ | 3861 |
| 46 | | ВАЗ-2106 | 1998 | 10-28 В 03 РТ | 3861 |
| 47 | | ВАЗ-2106 | 1993 | 10-27 В 03 РТ | 1040 |
| 48 | | УАЗ-31512 | 2000 | 10-25 В 03 РТ | 2617 |
| 49 | | УАЗ-31514 | 2000 | 10-24 В 03 РТ | 2717 |
| 50 | | УАЗ-31514 | 2000 | 49-88 А 01 РТ | 4170 |
| 51 | | ВАЗ-21060 | 2001 | 96-69 А 01 РТ | 3666 |
| 52 | | ГАЗ-3110 | 1998 | 10-02 В О3 РТ | 1350 |
| 53 | | ГАЗ-31029 | 1993 | 50-18 В 02 РТ | 1639 |
| 54 | | ГАЗ-3102 | 1999 | 00-01 А 01 РТ | 1405 |
| 55 | | ГАЗ-3102 | 1997 | 50-50 В 02 РТ | 3304 |
| 56 | | ВАЗ-21099 | 1997 | 50-05 В 02 РТ | 1838 |
| 57 | | ГАЗ-2410 | 1990 | 50-14 В 02 РТ | 875 |
| 58 | | ГАЗ-31029 | 1993 | 50-15 В 02 РТ | 692 |
| 59 | | ГАЗ-3110 | 1997 | 50-19 В 02 РТ | 2321 |
| 60 | | ГАЗ-31029 | 1993 | 50-24 В 03 РТ | 1639 |
| 61 | | ГАЗ-310290 | 1996 | 50-30 В 03 РТ | 2596 |
| 62 | | ВАЗ-21061 | 1998 | 50-21 В 02 РТ | 1326 |
| 63 | | ВАЗ-2106 | 1997 | 50-22 В 02 РТ | 166 |
| 64 | | ВАЗ-2107 | 2000 | 50-17 В 02 РТ | 2025 |
| 65 | | ВАЗ-2106 | 1997 | 50-29 В 02 РТ | 684 |
| 66 | | ВАЗ-2107 | 1997 | 50-23 В 02 РТ | 894 |
| 67 | | Форд-сиярра | 1992 | 50-03 В 02 РТ | 616 |

Прием заявок на участие в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44. Место проведения: **город Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-49-87, город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84, город Куляб, улица И. Сомони 35, тел: 2-41-14.**

Метод проведения: **английский.**

Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Гарантийный взнос для участия в аукционе равен 15 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5 % от цены продажи, который не включается в цену продажи лота.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74**, **город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84, город Куляб, улица И. Сомони 35, тел: 2-41-14**, а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 21 сентябри соли 2012 музоядаи №22-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул баргузор менамояд

| т/р | Номгӯйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1. | Анборҳои базаи филиали Муассисаи давлатии муҳофизати растаниҳо ва химикунонии кишоварзии вилояти Суғд | вилояти Суғд, ноҳияи Б. Ғафуров | 1200000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, ш. Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-96-40-16.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, ш. Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-96-40-16,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW. GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## 21 сентября 2012 года проводит аукцион №22 по продаже недвижимости

| п/н | Принадлежность | Адрес | Стартовая цена (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1. | Складские помещения филиала базы Государственного предприятия защиты растений и химизации сельского хозяйства Согдийской области | Согдийская область, Б.Гафуровский район | 1200000 |

Приём заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: г. Душанбе, пр. Рудаки 44. Место проведения: **город Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-49-87, город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84.**

Метод проведения: ***английский.***

Время проведения **$10^{00}$ часов.**

Гарантийный взнос для участия в аукционе равен 350 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП по организации продаж государственного имущества. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, г. Худжанд, ул. Ленина 47/1, тел: 927-96-40-16**, на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyada-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW. GKI.TJ**

## Эътибор надорад

Патент бо РЯМ 1230052845, РМА 125326494-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 2 феврали соли 2011 ба Иммонқулова Саломатхон Сафарқуловна додааст, эътибор надорад.

## Барҳам мехӯрад

Шаҳрванд Каримов Сафаралӣ Абдуразоқович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0094367 бо РЯМ 0430044496 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои ш.Душанбе 16 марти соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Давлатов Абдуманнон Аҳадович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0052454 бо РЯМ 0930020025 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 9 апрели соли 2010 додааст,фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии хоҷагии деҳқонии «Зебунисо» дорои РЯМ 0930024700 бо РЯМ 095268070 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 3 январи соли 2009 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ ба инобат гирифта мешавад.

➢Шаҳрванд Саидов Маҳмадлоиқ Темурович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0233181 бо РЯМ 0930061248 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 27 марти соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 22 августи соли 2012, соати 18.30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23874 нусха

Навбатдори шумора Фирӯза Ҳабибуллоева

Тарроҳи компютерӣ Нигина Исмоилова